**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Яке аз унсурҳои меҳварии забон лексикаи он аст, ки истилоҳот ҷузъи муҳими он арзёбӣ мегарданд. Омӯзиши муқоисавии соҳаи робитаи забонҳо, аз як тараф, хусусиятҳои хос ва муштараки онҳоро аз лиҳози забонӣ муайян созад, аз тарафи дигар бозгӯкунандаи таъриху фарҳанг буда, ойинаест, ки дар он шеваи зиндагии суннатӣ ва фарҳангу тамаддуни соҳибзабонон инъикос гардидааст. Баррасии ташаккули истилоҳоти забон бисёр лаҳзаҳои печидаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули миллатҳо равшан месозад. Омӯзишу таҳлили истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар асоси маводи забонҳои гуногуннизом ва тавассути онҳо нишон додани хусусиятҳои ба ҳам шабеҳ ва мутавофит дар дарки ҷаҳон яке аз масоили мубрами илми забоншиносии тоҷик дар марҳилаи муосир мебошад.

Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович ба таҳқиқи сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Истилоҳоти мазкур дар ташаккул ва рушди лексикаи забонҳои муқоисашаванда аҳамияти муҳим доранд, аз ин рӯ таҳқиқу баррасии ин мавзуъ мубраму муосир буда, барои муайян намудани фарқияту умумияти сохторӣ-маъноӣ ва этимологии ин воҳидҳои муҳимми лексика  дар забонҳои муқоисашаванда, аҳаммияти назарию амалӣ дорад. Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ равзанаи наверо дар таҳқиқоти илмии забоншиносии тоҷик хоҳад кушод.

Воқеан, муҳаққиқ возеҳу бамаврид таъкид мекунад, ки таҳқиқ ва баррасии истилоҳоти марбути соҳаи тарҷумашиносӣ як қабати таркибии забон буда, аз ин хотир чун лексикаи соҳавӣ сазовори таҳқиқ мебошад. Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз назари типологӣ то имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Истилоҳоти мазкур дар ташаккул ва рушди лексикаи забонҳои муқоисашаванда аҳаммияти муҳим доранд, аз ин рӯ таҳқиқ ва баррасии ин мавзуъ замонавӣ буда, барои муайян кардани системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз назари муқоисавӣ, муайян кардани фарқият ва умумияти сохторӣ-маъноӣ ва этимологии ин воҳидҳои муҳимми лексика дар забонҳои таҳқиқшаванда аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, дар он бори нахуст вижагиҳои сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ ва теъдоди истилоҳоти муҳимтарини соҳа мушаххас гардида, дар ин замина таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи истилоҳоти тарҷумашиносӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин таҳлили этимологии истилоҳоти соҳа дар забонҳои муқоисашаванда гузаронида шуда, омилҳои иқтибосшавии вожаҳои бегона низ ба ин забонҳо муфассал шарҳ ёфта, падидаҳои полисемия, синонимия ва антонимияи истилоҳоти соҳа муайян карда шудааст.

Таҳқиқи мазкур дар баробари он ки беш аз 1000 адад истилоҳи тарҷумашиносиро дар асоси назария ва амалияи тарҷума, луғатҳои дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла, фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти тарҷумашиносӣ мавриди муқоиса қарор додааст, ҳамчунин сарчашмаҳои муътамади истилоҳоти тарҷумашиносиии забонҳои англисӣ ва тоҷикиро низ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Илова бар ин, дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки

этимологияи истилоҳоти соҳа ва омилҳои иқтибосшавии онҳо ба забонҳои таҳқиқшаванда шарҳу баён ёбанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона иншо шуда, дорои асолати худ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин

хулоса омад, ки диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ ва 6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Баротзода Файзиддин Камолиддин** – доктори илми филология, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;
- **Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҷаматов С.

доктори илми филология, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Нағзибекова М.

«29» ноябри соли 2023.